## ДАР КАДОМ ҲОЛАТ АРИЗАИ АПЕЛЛЯТСИОНӢ НАВИШТАН МУМКИН АСТ?

Довталаб ҳуқуқ дорад, ки дар ҳолатҳои зерин аризаи апеллятсионӣ пешниҳод намояд:

- **вайрон кардани тартиби баргузории имтиҳонҳо дар маркази имтиҳон;**
- **норозӣ будан аз натиҷаи имтиҳонҳо.**

Оид ба вайрон кардани тартиби баргузории имтиҳонҳо аризаи апеллятсионӣ (ба расми 15 нигаред) рӯзи имтиҳон (аз маркази имтиҳон берун набаромада) ба роҳбари маркази имтиҳон пешниҳод мешавад. Аризаи апеллятсионии довталаб барои баррасӣ дар ҳолатҳои зерин қабул карда мешавад:

- *нодуруст (хилофи тартиби протоколи рафти имтиҳон) шинонидани довталабон, нодуруст тақсим кардани китобчаҳои тест, нодуруст часпонидани штрих-кодҳо дар варақаҳои ҷавобҳо аз тарафи маъмури имтиҳон (оид ба масъалаи мазкур довталаб метавонад баъд аз имтиҳонҳо на дертар аз муҳлати муқарраргардида пас аз эълони натиҷаҳо ба комиссияи апеллятсионии Марказ низ муроҷиат намояд);*
- *варианти китобчаи тестро дар варақаи ҷавобҳо ғалат қайд кардани довталаб (оид ба масъалаи мазкур довталаб метавонад баъд аз имтиҳонҳо на дертар аз муҳлати муқарраргардида пас аз эълони натиҷаҳо ба комиссияи апеллятсионии Марказ низ муроҷиат намояд);*
- *вайрон кардани тартиби баргузории имтиҳонҳо, ки ба натиҷаи кори довталаб таъсири манфӣ расонидааст;*
- *ёрӣ расонидани маъмури имтиҳон ба як ва ё якчанд довталаб ҳангоми иҷрои саволномаи тест;*
- *дидан ва аҳамият надодани маъмури имтиҳон ба суҳбат ва додугирифти маводи ёрирасон (шпаргалка) байни довталабон дар синфхонаи имтиҳон;*
- *вобаста ба ошкор шудани истифодаи маводи манъшуда чорае надидани маъмури имтиҳон.*

Комиссияи апеллятсионӣ аризаҳои довталабонро оид ба вайрон кардани тартиби гузаронидани ИМД дар марказҳои имтиҳон баррасӣ менамояд ва дар асоси хулосаҳои комиссияи корӣ (гурӯҳи ваколатдор)-и марказҳои имтиҳон дар бораи натиҷаҳои санҷишҳои ҳолатҳои дар аризаҳои апеллятсионии довталабон баёншуда ва баррасии маводи дахлдори пешниҳодгардида қарор мебарорад.

Аризаи апеллятсионӣ оид ба норозӣ будан аз натиҷаи имтиҳонҳо (ба расми 16 нигаред) дар давоми 3 (се) рӯз пас аз эълони натиҷаи имтиҳонҳо ба Марказ ё бахшҳои минтақавии он ба таври чопӣ ё бо почтаи электронии Марказ пешниҳод карда мешавад. Аризаи апеллятсионии довталаб дар ҳолатҳои зерин баррасӣ мешавад:

- *ғалат будани саволу масъалаҳои тест;*
- *арзёбии нодурусти натиҷаи имтиҳонҳои довталаб;*
- *ба довталаб мансуб набудани варақа(ҳо)-и ҷавобҳо, ки дар ҳуҷраи инфиродии ӯ гузошта шудааст.*

Комиссияи апеллятсионӣ аризаҳои довталабонро оид ба норозӣ будан аз натиҷаи имтиҳонҳо баррасӣ карда, қарори дахлдор мебарорад ва довталабро огоҳ менамояд.

! **ДИҚҚАТ!**

**Довталаби гиромӣ!**

- Дар ҳолати вайрон шудани рафти имтиҳон барои навиштани аризаи апеллятсионӣ ба роҳбари маркази имтиҳон баъд аз имтиҳон муроҷиат намоед.
- Аризаҳои апеллятсиониро бояд сари вақт пешниҳод намоед.
- Сабаби навиштани аризаро мушаххас ва асоснок кунед.
- Пеш аз навиштани ариза оид ба норозӣ будан аз арзёбии натиҷаи имтиҳонҳо бояд нусхаҳои варақаҳои ҷавобҳои имтиҳонҳои қисмҳои А ва Б-ро аз кабинети инфиродӣ дастрас карда, бо ҷавобҳои дуруст (калидҳо)-и саволномаи тест муқоиса кунед ва бовар ҳосил намоед, ки даъвоятон асоснок аст.
- Агар баъд аз 7 рӯзи пешниҳоди ариза натиҷаи даъвои Шумо маълум нагардад, бевосита ба Марказ муроҷиат намоед.
- Аризаи пас аз мухлати муқарраргардида пешниҳодшуда, новобаста аз масъалаҳои баёншуда, ки ба манфиати довталабанд, баррасӣ намешавад.

## АРИЗАИ АПЕЛЛЯТСИОНӢ
### оид ба вайрон кардани тартиби муқарраргардидаи баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) дар маркази имтиҳон

Аризадиҳанда/довталаб пур мекунад!

**Маркази имтиҳон** [ ][ ] / [ ][ ] [ ][ ][ ] [ ]
рақам/№ | рақами синфхона | вилоят, шаҳр/ноҳия

**Роҳбари маркази имтиҳон** [ ]
ному насаб

**Қисм (компонент)** [ ] [ ]
А/Б | таърихи супоридани имтиҳон

**Маълумот дар бораи аризадиҳанда/довталаб**

Рақами назоратӣ [ ][ ][ ][ ][ ][ ][ ][ ][ ][ ][ ][ ]

Насаб [ ]

Ном [ ]

Номи падар [ ]

Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият [ ]
шиноснома, силсила ва рақам

### АРИЗА

Аз комиссияи апеллятсионӣ хоҳиш менамоям, ки аризаи маро оид ба вайрон кардани тартиби муқарраргардидаи баргузории ИМД баррасӣ намояд.

**Муҳтавои шикоят:**

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

ҳолатҳои вайрон кардани тартиби гузаронидани имтиҳонҳоро мухтасар шарҳ диҳед

[ ][ ].[ ][ ].[ ][ ] [ ][ ][ ][ ][ ][ ][ ][ ][ ] ______________ ______________
таърих | телефон | e-mail | имзои аризадиҳанда/довталаб

ММТНПҶТ пур мекунад!

**Аризаи апеллятсиониро қабул кард:**

______________________________________________
вазифа | имзо | ному насаб

______________________________________________
вазифа | имзо | ному насаб

Таърих [ ][ ].[ ][ ].[ ][ ] Соат [ ][ ]:[ ][ ] Рақами бақайдгирӣ [ ][ ][ ][ ][ ]

**Расми 15.** Қолаби аризаи апеллятсионӣ оид ба вайрон кардани тартиби баргузории имтиҳон.

## АРИЗАИ АПЕЛЛЯТСИОНӢ
## оид ба норозӣ будан аз натиҷа/ҳоли гузошташуда дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД)

Аризадиҳанда/довталаб пур мекунад!

**Маркази имтиҳон (МИ)** ☐☐ / ☐☐

рақам/№ — муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ/литсей/гимназия, шаҳр/ноҳия

| Қисми А (имтиҳони умумӣ) | | | Қисми Б (имтиҳони ихтисос) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Рақами синфхона | Варианти китобчаи тест | Таърихи супоридани имтиҳон | Рақами синфхона | Варианти китобчаи тест | Таърихи супоридани имтиҳон |

**Маълумот дар бораи аризадиҳанда/довталаб**

Рақами назоратӣ

Насаб

Ном

Номи падар

Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият

шиноснома, силсила ва рақам

### АРИЗА

Аз комиссияи апеллятсионӣ хоҳиш менамоям, ки аризаи маро оид ба норозӣ буданам аз натиҷа/ҳоли дар ИМД ба ман гузошташуда баррасӣ намояд. **Зеро:**

сабабҳои норозӣ будан аз натиҷа/ҳоли ба Шумо гузошташударо мухтасар шарҳ диҳед

Хоҳиш менамоям, ки аризаи маро ____________

дар ҳузури ман/намояндаи ман/бе ман

дида бароед.

таърих — телефон — e-mail — имзои аризадиҳанда/довталаб

ММТНПЧТ пур мекунад!

**Аризаи апеллятсиониро қабул кард:** ____________

вазифа — имзо — ному насаб

Таърих ☐☐.☐☐.☐☐ Соат ☐☐:☐☐ Рақами бақайдгирӣ ☐☐☐☐☐

**Расми 16.** Қолаби аризаи апеллятсионӣ оид ба норозӣ будан аз натиҷаи имтиҳон.